# “Tajik state university of commerce”

# Course: *Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*

## Week 15:

## Export and import operations of industrial and technical goods in the Republic of Tajikistan

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** Export and import operations of industrial and technical goods in the Republic of Tajikistan

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НОМИ ФАН: ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНАИ КОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




## Ҳафтаи 15.

## АМАЛИЁТҲОИ СОДИРОТИЮ ВОРИДОТИИ МОЛҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ – ТЕХНИКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1.Муқаддима**

Мафҳум ва аҳамияти технологияҳо

Мубодилаи байналмиалалӣ ва интиқоли технологияҳо

Ҳамкориҳои муосири байналмилаллии илмию техникӣ

Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон

**2.Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

# Мақсади лексия:

Мушаххассозии мафҳум ва аҳаммияти технологияҳо, омӯхтани махсусиятҳои ҳамкориҳои илмию техникӣ, махсусиятҳои хариду фурӯши технологияҳо, ноу-хау ва хизматрасониҳои инжинирингӣ ва содироту воридоти молҳои истеҳсолӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

# Мафҳум ва аҳамияти технологияҳо

Дар доираи иктисоди ҷаҳонӣ вобаста аз мафҳуми технологияҳо ҷойивазкунии байналмилалии онро метавон ҳамчун савдои муқаррарии мол арзёбӣ намуд. Савдои технологияҳо ҳамчун моли махсусгардонидашуда ва ҳамчун гардиши байналмилалии технологияҳо омили истеҳсолот ва захираест, ки мустақиман ва ё якҷо бо дигар захираҳои амволи (замин ва сармоя) барои истеҳсоли молҳо истифода мегардад.

# Мафҳум ва аҳамияти технологияҳо

Технология (technology) - усулҳои илмии ноилшавии мақсадҳои амалӣ буда, мафҳуми технологияҳо одатан ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

- - технологияҳои молҳо;
- -технологияи ҷараёнҳо ё амалиётҳо;
- - технологияҳои идоракунӣ.

# Мафҳум ва аҳамияти технологияҳо

Технологияҳо:

| | |
|---|---|
| •Донишҳоест, ки барои истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо истифода мегарданд;<br>•Усулҳои илмии ноилшавии амалии ҳадафҳо. | Ба се гурӯҳ ҷудо мегарданд:<br>•Технологияи маҳсулот;<br>•Технологияи ҷаранҳо;<br>•Технологияи идоракунӣ. |

# Мубодилаи байналмиалалӣ ва интиқоли технологияҳо

Мубодилаи байналмиалалии технологияҳо метавонад дар шакли тиҷорати патентҳо, иҷозатҳо (литсензияҳо) ва «ноу-хау» ва инчунин дар намуди тиҷорати молҳои баландғунҷоиши технологӣ амалӣ карда шавад. Дар ҳолати тиҷорати молҳои технология талаб тиҷорати байналмилалии технология ҳамчун омили истеҳсолот қисми ҷудонопазири омории савдои молҳо ба ҳисоб меравад.

# Мубодилаи байналмилалӣ ва интиқоли технологияҳо

Мубодилаи байналмиалалии технологияҳо - ин интиқоли иттилоот тавассути сарҳадҳои миллӣ дар бораи тарзҳои ташкили истеҳсолот, ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои мушаххас ва ё хизматрасонӣ (дар таносуби гуногун байни пассивҳои иттилоотӣ ва натиҷаҳои моддии онҳо), воситаҳои муосиру самарабахши истеҳсолӣ, инчунин молҳои истеҳсолашон ба меҳнати баландтахассуси интелектуалӣ вобаста мебошад.

# Мубодилаи байналмиалалӣ ва интиқоли технологияҳо

Интиқоли байналмилалии технологияҳо (international technology transfer) - ин ҷойивазкунии комёбиҳои илмиву техникӣ дар асосҳои тиҷоративу ғайритиҷоратӣ мебошад.

Мубодилаи технологияҳо қисми асосии ташаккулдиҳандаи муносибатҳои байналмиалалии иқтисодӣ ва омили рушди ҳамкориҳои байналмилалии байни мамлакатҳо мебошад.

# Мубодилаи байналмиалалӣ ва интиқоли технологияҳо

Интиқоли технологияҳо. Дар иқтисоди ҷаҳонӣ молҳо - ҳангоми тиҷорати байналмилалии молҳои дорои хусусияти баландтехнологӣ, сармоя - ҳангоми тиҷорати байналмилалии молҳои дорои хусусияти баландтехнологии сармояталаб, меҳнат – ҳангоми муҳоҷирати байналмилалли мутахассисони илмиву техники дорои тахассуси баланд, замин – ҳангоми тиҷорати захираҳои табиӣ, ки барои коркарди онҳо дастовардҳои навтарини илмиву техникӣ истифода шудаанд.

# Мубодилаи байналмиалалӣ ва интиқоли технологияҳо

Интиқоли байналмилалии технологияҳо – ин ҳаракати комёбиҳои илмию техникӣ, коркардҳои конструкторӣ, донишҳои систематикӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ тавассути ҳудудҳои миллӣ. бо асосҳои тиҷоративу ғайритиҷоратӣ (ройгон) ба шумор меравад.

# Мубодилаи байналмиалалӣ ва интиқоли технологияҳо

Бо мақсади беҳтар истифодабарии (азнавтақсимкунии) захираҳо, афзунсозии самаранокии истеҳсолот ва фоидаи ниҳоӣ, аз ҷумла дар марҳалаҳо ва намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ, ба монанди истифодаи саноатӣ, фаъолияти идоракунӣ, маркетинг ва ғайра.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

Ҳамкориҳои муосири байналмилаллӣ дар шакли расонидани хизматрасониҳои технологӣ - дорои хусусияти паҳнсозии мубодилаи молҳои технологияи баланд дошта, тиҷорати ноайён мебошад.

Молҳое, ки дар арзиши онҳо харочотҳо барои коркардҳои илмиву тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ на кам аз 3,5%-ро ташкил медиҳад, ба гурухи молҳои тавассути технологияи баланд истеҳсолшуда мансуб мебошанд.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

Агар дар арзиши молҳо харочотҳо барои коркардҳои илмиву тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ беш аз 8,5%-ро ташкил диҳад, ба гуруҳи молҳои дорои техникаи баландтарин мансуб мебошанд.

Шаклҳои тиҷоратии интиқоли технологияҳо: донишҳои илмиву техникӣ ва иттилооти амалан фоидаоваре, ки фурӯшанда ба харидор медиҳад бояд аз ҷониби харидор пардохт карда шавад.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

| Гурӯҳи шаклҳои интиқоли технологияҳо | тиҷоратӣ | ғайритиҷоратӣ |
| --- | --- | --- |
| шаклҳои асосии интиқоли технологияҳо | - Харидани ноу-хау, патентҳо, лицензияҳо, - Бастаҳои иттилоотӣ;<br>- Савдои молҳои дорои технологияҳои баланд;<br>-Расонидани таҷҳизоти технологӣ | - Нашриҳои илмию техникӣ<br>- Адабиётҳои таълимӣ<br>- Маълумотномаҳо<br>- Маҷмуаҳо<br>-Нашрияҳои озод<br>- Маводи конференцияҳо. |
| | | |

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

**Роҳҳои асосии интиқоли байналмилалии тиҷоратии технологияҳо иборат аз:**

- дохилиширкатӣ: асосан маҷмӯи технологияҳо аз сохтори «модарӣ» (ТНК) ва марказҳои илмиву тадқиқотие, ки он ихтиёрдорӣ дорад ворид карда мешавад, (аз 2/3 тиҷорати байналмилалии лисензияҳо ба мубодилаи дохилии ширкатҳо рост меояд).

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

- байни ширкатҳо: қарордодҳои лисензионнӣ, кооперасионнӣ ва дигари байни ширкатҳои миллатҳои гуногун;
- тиҷорати берунӣ: интиқоли содиротиву ваоридотии мошинҳо, таҷҳизот, коркардҳои мураккаб, молҳои коркарди баланд ва дигар маҳсулоти саноатӣ;

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

- сармоягузориҳои байналмилалӣ: гардиши технологияҳо ҳамчун шарти таъсиси сохторҳои нави соҳибкорӣ ва ё вогузоршавии қисми моликияти объект ва ҳуқуқи идоракунии он ба донори технологияҳо мебошад.

Умуман, интиқоли технологияҳо тавассути молҳо, сармоя ва муҳоҷирати нерӯи инсонӣ амалӣ карда мешавад.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

**Махсусият ва ҳадафҳои мубодилаи илмию техникӣ (МИТ)**

Иттилооти илмию техникӣ (ИИТ) –

- Ин моли махсусгардонидашудаест, ки хоси моликияти интеллектуалӣ (зеҳнӣ) мебошад.
- Омили босуръат рушдиҳандаи истеҳсолот – технологияҳо мебошад.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

**Махсусият ва ҳадафҳои мубодилаи илмию техникӣ (МИТ)**

Мубодилаи Иттилооти илмию техникӣ ин шакли савдои байналмилалии форма моликияти интеллектуалӣ (зеҳнӣ),

- Шакли ҷойивазкуниву гардиши технологияҳо.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

## Мукаммалсозии технологияҳо:

| | |
|---|---|
| ➢ Имкониятҳои истеҳсолии ҷомеаро васеъ мекунад.<br>➢ Сатҳи умумии некуаҳволиро баланд мекунад.<br>➢ Ҳаҷми истеҳсолотро зиёд мекунад<br>➢ Азхудкунии истеҳсоли намудҳои нави маҳсулотро таъмин мекунад. | ➢ Ба тавсеаи ҳамаҷонибаи савдо мусоидат мекунад<br>➢Ба сармоягузорӣ байниҳамдигарӣ маҷмӯи истеҳсолоти миллӣ мусоидат мекунад,<br>➢ Ҳамгироии миқёси васеро таъмин мекунад,<br>➢ Ба муттаҳидшавии соҳаи илмию техникӣ мусоидат мекунад. |

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

***Ҳадафҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ***

- Зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолот;
- Баландсозии сифати маҳсулот;
- Тавсеаи ба мамлакат воридшавии технологияҳои муосир, ноу-хау.
- Самаранокгардонии савдои беруна, хусусан содирот

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани даромади кормандон, пеш аз ҳама кормандони баландихтисос равона гардидааст.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

## Нақши низомсози технологияҳо

| | |
|---|---|
| ➢Тамоюлҳои пешбарандаро дар систамаҳои иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ муайян мекунад<br>➢Омили рушди пас аз саноатикунонии иқтисодӣ мебошад<br>➢Омили рушди зеҳну шуури ҷомеа мебошад. | ➢Тассавурроти классикӣ оид ба факторҳои истеҳсолиро тағйир медиҳад:<br>➢Меҳнат ба фаъолияти эҷодӣ мубаддал гардида дар соҳаҳои технологии истеҳсолот мутамарказ мегардад.<br>Сармоя дар шакли ғайримоддии донишҳо, иттилоот ва технологияҳои иттилотӣ баромад карда, хусусияти ғайримоддиро пайдо мекунад. |

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

## Модели прогресси техникии Ҷон Хикс

- Афзоиши истеъмол дар натиҷаи прогресси техникӣ шабеҳатан метавонад ба савдои беруна бетараф, мусбӣ ва манфӣ таъсир расонад.
- Комбинатсияҳои баистеҳсолот (пешниҳодот) ва истеъмолот (талабот) гуногун таъсиркунанда метавонанд шарти савдоро ба самти беҳтар ё бадтар тағйир диҳанд.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

## Модели прогресси техникии Ҷон Хикс

- Муҳим он аст, ки инчунин дар кадом соҳаҳо прогресси техникӣ ба вуқӯъ меояд меҳнатталаб ва ё сармояталаб ва бо чӣ молҳои истеҳсолии соҳа рақобат мекунанд - бо содиро ё воридот.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

***Модели динамикии тафовути технологӣ (Майкл Познер, дар 1961 с.)***

- коркарди технологияи нав ба мамлакат имкон медиҳад, ки дар истеҳсол ва содироти ба он асосёфтаи истеҳсолои мол монополияи мувақатӣ ба даст орад.

# Ҳамкориҳои муосири байналмилалии илмию техникӣ

- Кишвари ихтирокунандаи технологияҳо ва пешқадами истифодабарандаи он содиркунандаи молҳои мутобиқ мегардад, ҳатто агар ин кишвар афзалиятҳои нисбиро аз рӯи омилҳои дигари истеҳсолот надошта бошад.
- Бо паҳншавии ин гуна молҳо кишвари ихтирокор ба технологияи истеҳсоли онҳо монополияи худро аз даст медиҳад.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Амалиётҳои содиротию воридотии молҳои истеҳсолӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи муҳими иқтисоди хориҷии кишварро ташкил медиҳанд. Ин амалиётҳо ба рушди саноат, инфрасохтор ва иқтисоди миллӣ таъсири калон мерасонанд. Дар зер як тавсифи мухтасар оид ба ин раванд оварда мешавад:

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Мафҳуми молҳои истеҳсоли - техникӣ

Молҳои истеҳсолӣ-техникӣ ин навъи молҳоест, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешаванд, на барои истеъмоли ниҳоии шахсӣ. Ба инҳо дохил мешаванд:

- Таҷҳизот ва дастгоҳҳо (масалан, техникаи саноатӣ, кишоварзӣ)
- Маводҳои хом (масалан, металҳо, пластик, нуриҳо)
- Қисмҳои эҳтиётӣ
- Технологияҳои саноатӣ ва автоматика

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Амалиёти содиротӣ

Содироти молҳои истеҳсолӣ-техникӣ аз Тоҷикистон ба дигар кишварҳо ҳоло нисбатан маҳдуд аст, вале дар солҳои охир:

- Содироти маҳсулоти металлургӣ, масалан, алюминий (бо ширкати ТАЛКО)
- Содироти маҳсулоти саноати сабук (текстил, либос)
- Маҳсулоти кишоварзӣ бо коркард

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Монеаҳо ва мушкилот:**

- Таҷҳизоти кӯҳнашуда
- Дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалӣ
- Норасоии логистика ва инфрасохтор

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Амалиёти воридотӣ

Тоҷикистон миқдори зиёди молҳои истеҳсолӣ-техникиро ворид мекунад, аз ҷумла:

- Таҷҳизоти саноатӣ аз Чин, Русия, Эрон ва Туркия
- Мошинҳои сохтмонӣ ва кишоварзӣ
- Қисмҳои эҳтиётӣ барои нерӯгоҳҳо, корхонаҳо ва нақлиёт

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Омилҳои муҳими воридот:**

- Нобуд шудани зерсохторҳои саноатӣ баъди даврони шӯравӣ;
- Талаботи афзоянда ба таҷдиди техника ва технологияи кӯҳна;
- Беамалӣ будани истеҳсоли дохилӣ барои баъзе намудҳои таҷҳизот.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Чорабиниҳои давлатӣ ва сиёсати иқтисодӣ**

Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади беҳтар кардани муҳити содиротию воридотӣ тадбирҳои зеринро андешидааст:

- Эҷоди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ("Суғд", "Данғара", "Панҷ")
- Имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ барои воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ;
- Барномаҳои дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорони хориҷӣ.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Талаботи ҳуқуқӣ ва гумрукӣ

- Танзими содирот ва воридот тавассути **Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва дигар қонунҳо
- Зарурати гирифтани **сертификатҳо ва иҷозатномаҳо** барои баъзе навъҳои молҳо (масалан, таҷҳизоти техникӣ, маводи кимиёвӣ)
- Шаҳодатномаи мувофиқат ва стандартҳои байналмилалӣ барои молҳои воридотӣ.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намунаи ҳуҷҷатҳои лозима барои воридоти таҷҳизоти техникӣ**

Барои воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ ва техникӣ (саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмонӣ ва ғайра) ба Тоҷикистон, одатан ҳуҷҷатҳои зерин лозиманд:

1. Шартномаи харид (договор)

- Байни фурӯшанда (шарики хориҷӣ) ва харидор (ширкати тоҷикистонӣ);
- Номгуй, нарх, микдор, шартҳои таҳвил.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Инвойс (Invoice)**

- Ҳисобнома-фактура бо арзиши мол;
- Маълумот дар бораи содиркунанда ва воридкунанда.

**3. Пойгоҳи боркашонӣ (Packing List)**

- Номгӯи дақиқи таҷҳизот ва бастаҳои бор.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**4. Шаҳодатномаи пайдоиш** (Certificate of Origin)

- Аз ҷониби кишваре, ки таҷҳизот дар он истеҳсол шудааст;
- Барои гирифтани имтиёзҳои гумрукӣ (агар бошад).

**5. Сертификати сифат ё мутобиқат** (Certificate of Conformity)

- Мувофиқати таҷҳизот бо стандартҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дар баъзе ҳолатҳо талаб мешавад сертификати байналмилалӣ.

**6. Иҷозатнома аз мақомоти марбута** Барои таҷҳизоти муҳими стратегӣ ё кимиёвӣ (масалан, аз Вазорати энергетика ё Кумитаи ҳифзи муҳити зист);

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**7. Ҳуҷҷатҳои нақлиёт** (Bill of Lading, CMR)

- Вобаста ба навъи нақлиёт: боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ё ҳавоӣ.

**Раванди бақайдгирии гумрукӣ дар Тоҷикистон**

**1. Омодасозии ҳуҷҷатҳо**

- Ҳамаи ҳуҷҷатҳои боло бояд ба забони тоҷикӣ (ё бо тарҷумаи расмӣ) омода шаванд.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**2. Дохил намудан ба низоми электронӣ** (АСИКТ)

- Бақайдгирии воридот тавассути **Низоми автоматии иттилоотии гумрукӣ** (АСИКТ).

**3. Муайян намудани коди мол**

- Барои ҳисоб кардани боҷ ва андозҳо;
- Ҳар таҷҳизот коди махсуси гумрукӣ дорад.

**4. Тақдими эъломияи гумрукӣ**

- Ин санад ҳангоми расман ворид кардани мол

ба ҳудуди гумрук пешниҳод мешавад.

# Содироту воридотии молҳои истеҳсолӣ – техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**5. Санҷиш ва озмоиши гумрукӣ**

- Гумрук метавонад молро тафтиш кунад: ҷисман, ҳуҷҷатӣ ё озмоишӣ.

**6. Пардохти боҷ ва андозҳо**

- Боҷи гумрукӣ (агар татбиқ шавад);
- ААИ (андози арзиши иловашуда);
- Андозҳо вобаста ба хусусияти мол.

**7. Озодсозии мол**

- Пас аз пардохти андозҳо ва тасдиқи
- ҳуҷҷатҳо, мол ба ихтиёри воридкунанда
- дода мешавад

## *Ҷамъбасти мавзуъ*

Амалиётҳои содиротию воридотии молҳои истеҳсолӣ-техникӣ яке аз ҷузъҳои муҳими рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти сатҳи кунунии саноат ва инфрасохтори кишвар, Тоҷикистон бештар вобастаи воридоти таҷҳизоти техникӣ мебошад. Таҷҳизот ва молҳои техникӣ барои рушди соҳаҳои калидӣ, аз ҷумла энергетика, кишоварзӣ, сохтмон ва саноат нақши калидӣ доранд.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Алексеев, И. Внешнеэкономическая деятельность / И. Алексеев. – М.: Дашков и К, 2011. – 304 с. 2. Алехнович, А. Внешнеэкономическая предпринимательская деятельность / А. Алехнович. – Мн.: Дикта, 2009. – 128 с

2. Внешнеэкономическая деятельность предприятия: Учебник для вузов/ Л.Е. Стровский, С.К. Казанцев, Е.А. Паршина и др.; Под ред. проф. Л.Е. Сгровского. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ, 1999.

3. Воронич А.В. Экономика и управление внешнеэкономической деятельностью: учебно-методическое пособие / А. В. Воронич ; М-во образования РБ, Гом. гос. ун-т им. Ф. Скорины. – Гомель: ГГУ им. Ф. Скорины, 2015. – 162 с.